# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи илмии Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22. – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ)

Ҷойи ҳеч шакку тардид нест, ки мусиқии тоҷикӣ ба сифати ҷузъи таркибии тамаддуни умумибашарӣ реша дар умқи таърихи ин мардуми куҳанбунёд ва деринарӯзгор дорад. Аз назари мухтасар ба маъхазҳои таърихӣ ҳамин ҳақиқат ба мушоҳида мерасад, ки гузаштагони мо ҳанӯз дар замони давлатдории нахустин хонадонҳои ориёии ҳахоманишӣ ва ашкониню сосонӣ дар санъати нафисаи мусиқӣ ҳам ба дастовардҳои назаррас ноил омада, дар ин замина асарҳои илмию фарҳангии арзишманд ва қобили мулоҳиза аз худ ёдгор мондаанд.

Сайри таърихӣ ва таҳқиқи осори ниёкон дар бахши мусиқӣ, бахусус дар рӯзгори авҷу шукӯҳи давлатдории сулолаҳои маҳаллии Сосониён ва Сомониён ба бисёр ҷанбаҳои норавшани пешрафти ин санъати нафиса равшанӣ андохта, аз ривоҷу равнақи камназири мусиқии миллии мо дар рӯзгори қадим ва асрҳои миёна дарак медиҳад.

Пӯёию поёӣ, барору комёбӣ ва дастовардҳои назарраси мусиқии тоҷикӣ дар ойинаи истилоҳоти он ба хубӣ мунъакис мегардад.

Аз ин хотир, аз тарафи соҳиби рисола ба доираи таҳқиқ фаро гирифтани таърихи ташаккули истилоҳоти мусиқӣ иқдоми шоиста арзёбӣ мешавад ва ба таҳқиқоти минбаъда дар ин замина роҳ ҳамвор мекунад.

Рисолаи мавриди назар аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима муҳиммияту навгонии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа ва дигар нуктаҳои асосии дар рисола баррасишуда таъкид шудаанд.

Боби якуми рисола, ки «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истилоҳнигорӣ ва инъикоси онҳо дар истилоҳоти мусиқии забони тоҷикӣ» ном дорад, аз ду фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввали ин боб, ки «Масъалаҳои назариявии истилоҳшиносӣ» ном дорад, ба таври фишурда доир ба мафҳуми истилоҳ ва махсусиятҳои он, ҳамчунин таҳқиқоти қаблан дар ин замина анҷомёфта сухан меравад.

Дар фасли дувуми боби якум марҳилаҳои асосии инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ се марҳилаи асосии рушди истилоҳоти мусиқии тоҷикиро муқаррар кардааст, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1) марҳилаи тоисломӣ;

2) марҳилаи асрҳои миёна, ё густариши фарҳанги исломӣ;

3) марҳилаи замони муосир.

Боби дуюми рисола "Роҳҳои инкишоф ва ташаккули истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ» ном дошта, аз ду фасл ва чор зерфасл иборат аст.

Фасли аввали боби дувум " Истилоҳоти мусиқии асили тоҷикӣ» унвон дорад. Дар ин фасл таъкид шудааст, ки аксари истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ, аз ҷумла номи созу оҳангҳо реша дар забони тоҷикӣ доранд ва бештари ин истилоҳот дар батни матни осори адабию таърихӣ, аз ҷумла рисолаҳои мусиқӣ ва забони зиндаи мардум мавҷуд мебошанд.

Соҳиби рисола истилоҳоти асили тоҷикии мусиқиро аз истилоҳоти сода (бам, зер, даф), сохта (аврангӣ,, камонча), мураккаб (дутор, дунай, шашмақом, соқинома) ва ибораҳои истилоҳии мусиқӣ (Наврӯзи Аҷам, Меҳргони Бузург) иборат донистааст.

Ба андешаи муҳаққиқ дар бунёди истилоҳоти мусиқӣ номвожа, номвожагони ҷашнию маросимӣ ва маконвожаҳои тоҷикӣ низ саҳми муносиб доранд:

а) номвожаҳои марбут ба шахсиятҳои таърихӣ ва мусиқӣ (Кини Сиёвуш, Салмак);

б) номвожаҳои марбут ба ҷашну маросим (Наврӯзи Бузург, Меҳргони Бузург);

в) номвожаҳои марбут ба номи ҳайвонот (Роҳи Шабдез);

г) маконвожаҳо (макро ва микротопонимҳо) (Исфаҳон, Зобул, Нишобур);

ғ) обвожаҳо (Зиндарӯд) ва ғ.

Фасли дуюми ҳамин боб "Истилоҳоти иқтибосии мусиқӣ" ном дорад ва аз чор зерфасл иборат аст.

Таъкид шудааст, ки истилоҳоти мусиқӣ ба забони модарии мо дар гузашта асосан аз забонҳои юнонӣ, ҳиндӣ ва арабӣ ва дар замони муосир аз забони русию дигар забонҳои Аврупо иқтибос шудаанд.

Дар боби сеюми рисола, ки "Роҳ ва усулҳои истилоҳсозии мусиқии тоҷикӣ" ном дорад ва аз шаш зерфасл иборат аст, роҳу шеваҳои шашгонаи истилоҳсозии мусиқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар қисмати хулоса муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст кардааст.

Ба сифати роҳбари илмӣ рисолаи илмии Абдуллоева Заррина Фатуллоевнаро дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» кори анҷомёфтаи илмӣ ва ба талаботи КОА ҶТ ҷавобгӯ меҳисобам ва муаллифи он бидуни шубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22. Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ: М.Б. Султонов, доктори илми филология, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон

Имзои М.Б. Султоновро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадри ИЗА ба номи Рӯдакӣ С.Муродова

МӮҲРИ КАДР